«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
______________________
«____» __________ 20____с.

**НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ № 07**
ҷаласаи якҷояи кафедраи менеҷменти молиявӣ ва таҳлили иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз 26.02.2022 ш. Душанбе

Раисикунанда: Фасеҳзода Исломуддин Саймирзо, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодии ДДМИТ

Котиб: Нуров Ш.С., н.и.и, дотсент мудири кафедраи менеҷменти молиявии ДДМИТ

**ИШТИРОК КАРДАНД:** д.и.и., профессор Кошонова М.Р., д.и.и., профессор Қудратов Р. Р., д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Содиқов М.С., н.и.и., дотсент Фасеҳзода И., н.и.и., дотсент, Хоҷазода Д.Қ., н.и.и., дотсент Нуров Ш.С., н.н.и., дотсент Ҳомидов А., н.и.и, дотсент Мирзоева Е.Ш., н.и.и., дотсент Урунбоев А., н.и.и., муаллими калон Шодиев К.,Қ., н.и.и., дотсент Маъдиев С., муаллими калон Эмомов М.,Д., н.и.и, дотсент Тилябов Ё., муаллимони калон Амиров М., Ҳакимов С., ассистентони кафедраҳо Маҳмадов Р., Ҷулиев М., Ҳакимова М., Файзуллоев К., Саъдиев Ҳ. ва унвонҷӯён.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи менеҷменти молиявӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич дар мавзуи «Рушди

зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ (дар мисоли минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи ДДМИТ Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳимият ва рӯзмарагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии худ маълумот дода, аз ҷумла қайд намуданд, ки дар шароити камзаминӣ ва норасоии заминҳои обии кишоварзии минтақаҳои кишвар, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рӯзафзояндаи аҳолӣ масъалаи мазкур мубрам ва рӯзмарра боқӣ хоҳад монд.

Омӯзиши масъалаҳои рушди зироаткории лалмӣ дар шароити минтақаҳои кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон, хеле муҳим арзёбӣ гардида, он аз ташаккул ва рушди муносибатҳои нави заминдорӣ, усули биологии муҳофизати растаниҳо, низоми пешқадами киштгардон ва беҳдошти вазъи экосистемаи минтақаҳои кӯҳӣ маншаъ мегирад. Ҳалли мушкилоти дар боло дарҷгардидаи минтақаҳои кӯҳӣ аз истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, бахусус заминҳои лалмӣ, ҷалби бештари сармояҳо ба рушди минтақа, чорабиниҳои муҳофизати биологии зироатҳои кишоварзӣ, истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ, такмили низоми идоракунии захираҳои замини кишоварзӣ вобастагии калон доранд. Масоил ва мушкилоти номбурда зарурати таҳқиқоти назариявӣ-методӣ ва пешниҳодҳои амалиро оид ба рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ талаб намуда, он барои рушди устувори минтақаҳои кӯҳӣ тайи солҳои тулонӣ хизмат хоҳад кард. Таҳқиқ ва ҳалли масоили мазкур мубрамияти таҳқиқоти илмиро муайян намуда, яке аз масъалаҳои рӯзмарра дар шароити ҳозира ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, ҷанбаҳои назариявии рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ гувоҳи он аст, ки он на ҳама вақт ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, бахусус заминҳои лалмӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ, ҷавобгӯ мебошад. Аксари мушкилоти бавуҷудомада дар минтақаҳои кӯҳии вилояти Хатлон асоснок намудани чорабиниҳои дастаҷамъонаи экологӣ-муҳофизатӣ ва дастгирии давлатии истифодаи самараноки заминҳои лалмиро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тақозо менамоянд. Аз ин лиҳоз, мушкилоту масъалаҳои дар боло зикргардида зарурати ҳаллу фасли онҳо, мақсад ва вазифаи асосии кори илмии мазкурро муайян намудаанд.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., д.и.и., профессор Қудратов Р.Р., н.и.и., дотсент Фасеҳзода И.С., н.и.и., дотсент Хоҷаев Д.Қ., н.и.и, Содиқов М., н.и.и., Шодиев К., н.и.и., Урунбоев А., н.и.и., дотсент Мирзоева Е.Ш. ва муаллими калон Амиров М. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич ҷавобҳои мукаммал доданд.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шуралиев Эмомалӣ Нуралиевич баромад намуда, оиди фаъолияти педагогӣ ва илмии Муминов Фатҳулло Шамсулоевич суханрони намуда, иброз доштанд, ки унвонҷӯ қобилияти баланди педагогӣ ва эҷодӣ дошта, рисолаи мазкур ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя аз руи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуданд, ки онро дастгирӣ намоянд.

Сипас Ашуров М.Н.- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Давлатшоева З.М.- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур, инчунин д.и.и., профессор Қудратов Р.Р., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., д.и.и., профессор Мирсаидов С. А., н.и.и., дотсент Содиқов М., н.и.и., дотсент Маъдиев С., н.и.и., муаллими калон Шодиев К., н.и.и., дотсент Хоҷаев Д. Қ., ва н.и.и., дотсент Нуров Ш. баромад намуда, тавсияҳои илмӣ-тадқиқотии худро барои дар оянда истифода намудани унвонҷу пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи як, чанд таълифоти илмӣ,  иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар истифодаи самараноки заминҳои лалмӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ саҳми назаррас мегузорад, методологияи механизми танзими давлатии рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ таъмин намуда, барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ барои солҳои тӯлонӣ хизмат хоҳад кард.

Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич ба эродҳои бармадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал доданд. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедраҳо, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласаи кафедра қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич дар мавзӯи «Рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ (дар мисоли минтақаи Хатлон)»,барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич дар мавзӯи «Рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ (дар мисоли минтақаи Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда аз ҷониби бармадкунандагон ба марҳилаи баъдии ташхиси пешакӣ дар Шӯрои олимони факултет тавсия дода шавад.
3. Қарори якҷояи кафедраҳои менеҷменти молиявӣ ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи , таҳлили иқтисодӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фасеҳзода И.С.

Котиби ҷаласа:
н.н.и.,дотсент Нуров Ш.С.

Имзоҳои Фасеҳзода И.С. ва Нуров Ш.С.,-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ н.и.ҳ., Шарипов У.А.